,

Бо қарори мушовараи
Вазорати маорифи Ҷумҳурии
Тоҷикистон аз 30 марти
соли 2006 № 6/4 тасдиқ карда
шудааст

# НИЗОМНОМАИ
# ТАЙЁР НАМУДАНИ КАДРҲОИ ИЛМӢ ВА ИЛМИЮ ПЕДАГОГӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ВА ТАҲСИЛОТИ КАБИИ БАЪД АЗ МУАССИСАИ ОЛИИ ТАЪЛИМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСОН

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

Дар шароити нави иқтисоди бозоргонӣ тайёр намудани кадрҳои илмӣ ва илмию педагогии тахассуси олӣ, афзун намудани самаранокии корҳои онҳо яке аз проблемаҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб меёбад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кадрҳои илмӣ ва илмию педагогии тахассуси олӣ дар аспирантура, докторантура, унвонҷӯӣ ва гузаронидани устодон ба сифати ходими хурд ва калони илмӣ тайёр карда мешаванд.

Аспирантура ва докторантура дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ новобаста аз тобеияти онҳо баъд аз гирифтани иҷозатномаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолият сар мекунанд.

Аспирантура ва докторантура барои таҳсилоти муттасил, такмили ихтисоси илмию омӯзгорӣ ва илмии шаҳрвандон ва дарёфти дараҷаи илмии номзад ё доктори илм шароит фароҳам меоварад.

## 2. ДОКТОРАНТУРА

Докторантура яке аз шаклҳои тайёр намудани кадрҳои илмӣ ва илмию омӯзгории баландихтисос (тахассуси олии илмӣ) мебошад.

Докторантура дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ташкил дода мешавад, ки он бояд ба талаботи зерин ҷавоб дода тавонад:

- иҷозатномаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба ҳуқуқи ташкил намудани докторантура дошта бошад;
- аз аккредитатсияи давлатӣ гузашта бошад;
- бо кадрҳои дараҷа ва унвонҳои илмидошта таъмин бошад;

- заминаҳои илмию тадқиқотии ҳозиразамон ва озмоишӣ дошта бошад;

- дар такмил додан ва ба амал баровардани барномаҳои илмию дурнамои ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ фаъолона иштирок намояд.

Ташкил ва барҳам додани докторантура дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ баъд аз ташхис бо фармони Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад.

Пешниҳодҳо оид ба ташкил додани докторантура аз тарафи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ба Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол мешаванд.

Таҳсил дар докторантура рӯзона аст.

Ба докторантура шаҳрвандони зерини Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешаванд:

-дараҷаи илмии номзади илм дошта ва синнашон аз 45 зиёд набошанд;

-бо комёбиҳои илмӣ соҳиб бошанд;

-қобилияти баланди гузаронидани тадқиқоти бунёдӣ, ҷустуҷӯ кардан ва амалигардонии натиҷаҳои корҳои илмӣ-тадқиқотиро дошта бошанд.

Шаҳрвандони дигар давлатҳо ва давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил низ ба докторантураи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қарордод ва созишномаҳо қабул карда мешаванд.

Мӯҳлати таҳсил дар докторантура 3 сол муқаррар карда мешавад.

Барои қабул шудан ба докторантура ба номи ректори муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ариза навишта шуда, ба он ҳуҷҷатҳои зерин илова карда мешаванд:

- нусхаи дипломи дараҷаи номзади илм (барои шахсоне, ки таълимро дар давлатҳои хориҷа гирифтаанд, нусхаи дипломи унвони илмии дахлдор, ки аз баробарэътибории ҳуҷҷати таҳсилот (нострификатсия) гузаштаанд;

- нақшаи васеи рисолаи докторӣ;

- рӯйхати корҳои чопии илмӣ, навоварӣ ва ҳисобот оид ба корҳои илмию тадқиқотӣ.

Ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, ки докторантура доранд, ҳуҷҷатҳои дохилшавандаро мебинанд ва дар асоси хулосаи кафедраи дахлдор оид ба қабули довталаб ба докторантура фармон мебароранд. Нақшаи васеи рисолаи докторӣ низ дар асоси фармон тасдиқ карда мешавад.

Ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ҳуқуқ доранд, ки аз ҳисоби буҷаи давлатӣ ва даромадҳои ғайрибуҷавӣ ба докторантон ба таври илова ёрӣ расонанд.

Шӯрои олимони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ҳар сол аттестатсияи докторантонро мегузаронанд, оид ба натиҷаи кори илмии онҳо, барои таҳсили оянда дар докторантура қарорҳо қабул мекунанд.

Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ (мувофиқи шартнома) докторантони беруназдмарзиро бо ҷои хоб (хобгоҳ) таъмин менамоянд.

Ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ докторантонро пас аз хатми докторантура мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикситон бо кор таъмин менамоянд;

Дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ шумораи қабули докторантонро дар доираи маблағҳои буҷетӣ вазорату кумитаҳое, ки дар тобеияташон муассисаҳои таълимӣ доранд дар мувофиқа бо Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян мекунанд.

Музди меҳнати машваратчиёни илмии докторантон аз ҳисоби 50 соат дар як сол барои як докторант муайян карда мешавад. Ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ҳуқуқ доранд барои машваратчиёни илмӣ музди меҳнати иловагӣ таъин намоянд.

Хароҷотҳо барои сафарҳои хизматии докторантонро (агар сафари хизматӣ ба корҳои илмию тадқиқотӣ ва рисолаи докторӣ вобаста бошад) муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимие, ки докторант дар он таҳсил мекунад, пардохт менамоянд.

Шахсоне, ки аз ҳисоби маблағи буҷет ба докторанутара дохил шудаанд, дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кори доимиашон озод карда шуда, ба онҳо стипендия дар ҳаҷми на камтар аз маоши дотсент муқаррар карда мешавад ва ҳар сол таътили думоҳа дода мешавад;

Докторантон аз лабораторияҳо, китобхонаҳои илмӣ, табобатхонаҳо, таҷҳизотҳои таҷрибавӣ, хадамоти методӣ ва дигар асбобу анҷомҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ аз рӯи тартиби муайяншуда ба таври ройгон истифода мебаранд.

Ба докторантоне, ки аз ҳисоби маблағи буҷет таҳсил мекунанд, барои харидани китобҳои илмӣ ҳар сол ба андозаи ду стипендия кӯмакпулӣ дода мешавад.

Мӯҳлати омодагӣ дар докторантура ба собиқаи кории илмӣ ва илмию педагогӣ дохил карда мешавад.

Ҳуқуқҳои дар ҷои кори пеш аз дохил шудан ба докторантурадоштаи докторантон (ҳуқуқи гирифтани манзил, дараҷаи илмӣ ва дигар ҳуқуқҳо) ва ҳамчунин ҳуқуқи баргаштани онҳо ба ҷои кори пешина боқӣ мемонад.

Дар давраи омодагӣ ба докторантура докторант бояд нақшаи кори илмии худро иҷро намояд, корҳои илмию тадқиқотӣ ва ташхиси онро ба анҷом расонад.

Ба докторант барои гузаронидани корҳои илмию тадқиқотӣ ҷои кор ва аз ҳисоби олимони тахассуси олии илмӣ ва илмию педагогӣ (доктори илм, профессорон) машваратчии илмӣ таъин карда мешавад.

Докторанте, ки нақшаи корҳои илмии худро иҷро кардааст, дар оянда ҳуқуқи давом додани корҳои илмиро дорад. Докторанти нақшаи корҳои илмии худро иҷронакарда, дар асоси фармони ректори муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ аз докторантура хориҷ карда мешавад.

Докторанте, ки аз докторантура хориҷ карда шудааст, дар вақти мавҷуд будани маблағ бо фармони ректори муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ (баъд аз як сол) аз нав барқарор кардан мумкин аст.

Шахсоне, ки таҳсили докторантураро пурра гузаштанд, ҳуқуқи ба вазифаи ходими илмӣ гузаштанро надоранд.

Кафолатҳои иҷтимоӣ ва имтиёзҳо барои шахсоне, ки ба докторантура дохил мешаванд ё дохил шудаанд, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

## 3. АСПИРАНТУРА

Аспирантура яке аз усулҳои асосии тайёр намудани кадрҳои илмӣ ва илмию педагогӣ ба шумор меравад, ки он барои баланд бардоштани дараҷаи илмӣ ва илмию педагогӣ имконият медиҳад. Дар аспирантура тайёр кардани кадрҳо аз рӯи номгӯи амалкунандаи ихтисосҳо (феҳрасти ихтисосҳо) сурат мегирад.

Аспирантура дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълиме ташкил дода мешавад, ки ба талаботи зерин мувофиқат намояд:

- иҷозатномаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба ҳуқуқи ташкил намудани аспирантура дошта бошад;
- аз аккредитатсияи давлатӣ гузашта бошад;
- бо кадрҳои дорои дараҷаю унвони илмидошта таъмин буда, қобилияти ба аспирантон роҳбарӣ карданро дошта бошад;
- бо базаи илмӣ ва техникаи ҳозиразамон таъмин бошад.

Аспирантура дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ новобаста аз тобеияти идоравӣ пас аз ташхиси мувофиқ бо фамони Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон кушода ё баста мешавад.

Пешниҳодҳо оид ба ташкил додани аспирантура аз ҷониби роҳбарияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд

аз муассисаи олии таълимӣ ба Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол мегарданд, ки инҳоянд:

- номгӯи ихтисосҳое, ки ба аспирантура эҳтиёҷ доранд;
- ҳайати роҳбарони илмӣ, ки тибқи дараҷа ва унвони илмӣ ба аспирантон (аз рӯи ихтисосҳои пешниҳодгардида) ҳуқуқи роҳбарӣ кардан доранд;
- рӯйхати асарҳои чопии илмии ба ихтисос мансуб (барои ҳар як роҳбар алоҳида);
- қарори Шӯрои олимони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ оид ба кушодани аспирантура.

Таҳияи нақшаҳои ҳарсола ва нақшаи дурнамои қабул ба аспирантура, ба кор омода намудани кадрҳои илмӣ ва илмию педагогӣ ва назорати онҳо ба зиммаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар вазорату кумитаҳое, ки дар тобеияташон муассисаи таълимӣ доранд, гузошта мешавад.

Таҳсил дар аспирантура ба тариқи рӯзона ва ғоибона аст.

Ба аспирантураи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ дар асоси озмун шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки маълумоти олии пурра (мутахассис) ё магистратураро бо баҳои хубу аъло хатм намудаанд, қабул карда мешаванд.

Ба шӯъбаи рӯзонаи аспирантураи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, шахсони синнашон то 35-сола, ба шӯъбаи ғоибона шахсони синнашон то 45-сола қабул карда мешаванд.

Мутахассисони ҷавон баробари хатми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (шахсоне, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо дипломи аъло хатм намудаанд) бо пешниҳоди Шӯрои олимони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ метавонанд ба имтиҳонҳои қабули аспирантура иштирок намоянд.

Мутахассисоне, ки баъд аз хатми муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳхат ба кор фиристода шудаанд, дар сурати доштани собиқаи кории 2 - сола метавонанд баъд аз супоридани имтиҳонҳои қабул ба аспирантура қабул шаванд.

Шаҳрвандони давлатҳои хориҷӣ ва давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба аспирантураи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ тибқи қарордод ва ё созишномаҳои байнидавлатӣ қабул карда мешаванд.

Шахсоне, ки аспирантураро хатм намудаанд, ҳуқуқи бори дигар ба аспирантура дохил шудан надоранд.

Ариза барои қабул шудан ба аспирантура ба номи ректори муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ навишта мешавад;

Ба аспирантура ҳуҷҷатҳои зерин супорида мешаванд:

- ариза ба номи ректор;
- варақаи шахсии аз тарафи шӯъбаи кадрҳо тасдиқгардида;
- нусхаи дипломи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (шахсоне, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро дар дигар давлатҳо хатм намудаанд, ҳуҷҷати ба дипломи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон  баробар) –ро пешниҳод менамоянд (баъд аз нострификатсияи ҳуҷҷати таҳсилот);
- рӯйхати корҳои нашршудаи  илмӣ ва ҳисобот оид ба корҳои илмию тадқиқотӣ;
- ҳуҷҷат дар бораи супоридани имтиҳонҳои минимуми номзадӣ (қатъи назар аз он ки дохилшаванда аз санҷиши ин имтиҳонҳо гузаштааст);
- қарори Шӯрои олимон (барои шахсоне, ки баъд аз хатми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба аспирантура дохил мешаванд).

Қабул ба аспирантура ҳар сол як маротиба доир мегардад. Барои қабул намудан ба аспирантура бо фармони ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ   комиссияи қабул ташкил дода мешавад. Ба ҳайати комиссия олимони тахассуси олии илмӣ, илмию педагогӣ (доктор ва номзадҳои илм) ва инчунин роҳбарони илмии аспирантҳо дохил карда мешаванд.

Дохилшаванда ба аспирантура пеш аз имтиҳонҳо ба кафедраи мансуб реферат пешниҳод намуда, аз сӯҳбати роҳбари ояндаи худ мегузарад. Роҳбари илмӣ фикру ақидаи худро дар бораи дохилшаванда хаттӣ ба комиссияи қабул пешниҳод менамояд. Қарори комиссия дар асоси пешниҳоди роҳбари илмӣ дар бораи иштирок кардан ё накардани он ба имтиҳонҳо дар муддати як ҳафта ба дохилшаванда расонида мешавад.

Дохилшавандагон ба аспирантура аз фанҳои зерин имтиҳон месупоранд:
- аз фанни ихтисос (мувофиқи ҳаҷми амалкунандаи барномаи давлатӣ барои мутахассисон ё магистрон сохташуда);
- аз фанни забони хориҷие (англисӣ, немисӣ, франсавӣ ё арабӣ ва ғ.), ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ вобаста ба ихтисос муайян кардаанд;
- аз фанни фалсафа.

Шахсоне, ки аз як фанни имтиҳони қабул баҳои ғайриқаноатбахш гирифтаанд, барои супоридани имтиҳонҳои дигар иҷозат дода намешаванд. Шахсоне, ки имтиҳонҳои минимуми номзадиро супоридаанд, дар имтиҳонҳои қабул ба аспирантура аз ҳамон фанҳо озод карда мешаванд.

Агар дохилшаванда магистратураро бо дипломи аъло хатм намуда бошад, ба аспирантура бе имтиҳон қабул карда мешавад (дар сурате, ки дар нақшаи шахсии магистр имтиҳонҳо аз фанни фалсафа, забони хориҷӣ ва фанни ихтисос ҷой гирифта бошад).

Комиссияи қабул натиҷаи санҷишҳои дохилиро барои ҳар як номзад омӯхта, қарори махсус қабул менамояд. Қабул ба аспирантура дар асоси озмун ташкил мешавад.

Қарор дар бораи қабул ба аспирантура ё инкори он дар муддати панҷ рӯзи пас аз анҷоми кори комиссия эълон карда мешавад.

Қабули довталабон ба аспирантура баъди супоридани имтиҳонҳои дохилшавӣ бо фармони ректори муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ тасдиқ карда мешавад.

Ба шахсоне, ки барои супоридани имтиҳоноти аспирантура роҳ дода шудаанд, ба мӯҳлати сӣ рӯзи тақвимӣ рухсатӣ дода мешавад ва зимни ин корхона музди миёнаи корашонро мепардозад.

Мӯҳлати таҳсил дар шӯъбаи рӯзонаи аспирантура 3 сол, дар шӯъбаи ғоибонаи аспирантура 4 сол муқаррар карда мешавад.

Шахсоне, ки ба шӯъбаи рӯзонаи аспирантура дохил шудаанд, мувофиқи қонунгузории меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кор озод карда мешаванд.

Нақшаҳои кори инфиродии аспирантон ва мавзӯъҳои илмии рисолаҳои номзадии онҳо бо пешниҳоди кафедраҳо дар мӯҳлати таъиншуда аз тарафи ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ тасдиқ карда мешаванд.

Роҳбарони илмии аспирантон (докторҳои илм, профессорҳо) аз ҷониби ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ барои ҳар як аспирант баробари рӯзи қабули он ба аспирантура тасдиқ карда мешаванд.

Дар баъзе мавридҳо номзадҳои илм низ бо қарори Шӯрои олимони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ба аспирантон мувофиқи ихтисосашон роҳбар таъин карда мешаванд.

Ба аспирантоне, ки корҳои илмию тадқиқотии худро дар мавзӯъҳои муштарак иҷро менамоянд, ду мутахассиси илм ё мушовир барои роҳбарӣ намудан рухсат дода мешавад, ки яке аз он номзади илм буданаш мумкин аст.

Роҳбари илмӣ иҷрои нақшаи инфиродию илмии тасдиқшудаи аспирантонро таҳти назорат мегирад.

Теъдоди аспирантоне, ки ба як роҳбари илм (доктори илм) вобаста карда мешаванд, бояд аз 5 нафар зиёд набошанд.

Аспирантон ҳар сол аз аттестатсияи кафедра гузаронида мешаванд. Аспирантоне, ки дар мӯҳлати муқарраршуда аз ӯҳдаи иҷрои нақшаҳои корҳои илмию тадқиқотӣ набаромаданд, бо қарори ректори муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ аз аспирантура хориҷ крда мешаванд.

Аспирантон баъд аз хатми аспирантура мувофиқи қонунгузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор таъин карда мешаванд.

Шӯроҳои олимони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, назоратро ба кори аспирантура ташкил менамоянд, ҳисоботи аспирантон ва роҳбарони онҳоро мунтазам мешунаванд.

Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ аз ҳисоби буҷаи давлатӣ мувофиқ дар доираи буҷаи муқарраршуда, аспирантонро қабул менамояд.

Рақамҳои назоратӣ барои қабули аспирантон аз рӯи соҳаҳои илм дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ аз тарафи вазорату кумитаҳое, ки дар тобеияташон муассисаи таълимӣ доранд, дар мувофиқа бо Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

Аспирантони таҳсили рӯзонаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ба миқдори муайяншуда на камтар аз маоши ассисент бо стипендия таъмин карда мешаванд.

Ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ба стипендияи аспирантон аз ҳисоби маблағи буҷа ё ғайрибуҷавӣ ба таври иловагӣ маблағ ҷудо карда метавонанд.

Ба аспирантон аз рӯи тартиби муайянкардашуда стипендияи давлатии номӣ, стипендияи Президентӣ дода мешавад, ки он баъд аз қабул шудани қарори Шӯрои олимони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ва баъд аз тасдиқ дар мушовараи вазорат ё кумитаҳое, ки дар тобеияташон муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ доранд, амалӣ карда мешавад.

Музди меҳнати роҳбарони аспирантон аз ҳисоби 50 соат барои як аспирант дар як сол, аз он ҷумла, барои ду роҳбари аспирант низ ҳамин тавр дода мешавад.

Ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ба роҳбарони илмии аспирантон ҳуқуқи пули иловагӣ доданро доранд, ки он аз ҳисоби маблағи буҷа ё даромади ғайрибуҷавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ пардохта мешавад.

Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ мувофиқи қарордод бо истеҳсолот, идораҳо ва ташкилотҳои илмӣ аз рӯи зарурат барои дохилшавандагон ба аспирантура курси яксолаи муҳаққиқ - коромӯз ташкил карда метавонанд.

Аспирантон дар тӯли таҳсил вазифаҳои зеринро иҷро менамоянд:

-пурра иҷро намудани нақшаи инфиродии таҳсил;

-супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз фалсафа, забони хориҷӣ ва ихтисос;

-анҷоми корҳо оид ба рисола ва гузаронидани он аз ташхиси пешакӣ.

Аспирантон барои иҷрои кори илмии худ баробари кормандони илмию омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ метавонанд аз таҷҳизот, лабораторияҳо, кабинетҳо, китобхонаҳо истифода кунанд. Онҳо ҳуқуқи ба сафарҳои хизматӣ, аз ҷумла, ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, марказҳои илмӣ рафтан ва инчунин дар конференсияю анҷуманҳо иштирок намуданро доранд.

Аспирантон аз як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ё таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ба дигар муассисаи таълимӣ ё муассисаи илмӣ, инчунин аз таҳсили рӯзона ба ғоибона ва аксар аз ғоибона ба рӯзона, аз ҳисоби маблағи мавҷуда бо иҷозати ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ гузашта метавонанд.

Аспирантоне, ки то охири соли таҳсил аз аспирантура хориҷ карда шудаанд, баъд аз як сол ба аспирантура аз ҳисоби маблағи мавҷудаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ барои давом додани таҳсил аз нав барқарор шуда метавонанд.

Аспирантони таҳсили рӯзона дар баробари иҷрои нақшаҳои инфиродии худ, инчунин ҳуқуқи иҷрои корҳои пардохтӣ низ доранд;

Аспирантони таҳсили рӯзона ҳар сол метавонанд ба муддати ду моҳ ба таътил бароянд.

Аспирантоне, ки дар аспирантура аз ҳисоби буҷаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил менамоянд, ба онҳо дар давраи таътил аз ҳисоби муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ стипендия дода мешавад.

Ба ҳар аспиранте, ки аз ҳисоби маблағи буҷа таҳсил мекунад, барои харидани китобҳои илмӣ ҳар сол ба андозаи ду стипендия кӯмакпулӣ дода мешавад.

Аспирантони шӯъбаи ғоибона ҳуқуқ доранд ҳар сол аз ҷои корашон ба муддати 30 рӯзи тақвимӣ рухсатии иловагӣ баромада, зимни ин музди миёнаи корашонро гиранд;

Аспирантони шӯъбаи ғоибона ҳар ҳафта ба якрӯзӣ озод аз кор ҳуқуқ доранд, ки барои он панҷоҳ фоизи музди меҳнат пардохта мешавад. Ташкилоти кордиҳанда ҳуқуқ дорад ба аспирантҳо мувофиқи хоҳишашон дар соли чоруми таҳсил ба таври илова ҳар ҳафта ду рӯз бе пардохти музд аз кор озод намоянд.

Аспирантони шӯъбаи рӯзона бо хобгоҳ таъмин карда мешаванд ( ба шарте, ки муассисаи олии таълимӣ фонди манзил дошта бошад).

Аспирантони шӯъбаи ғоибона низ дар давраи супоридани имтиҳонот ва навиштани рисолаи илмӣ бо хобгоҳ таъмин карда мешаванд ( ба шарте, ки муассисаи олии таълимӣ фонди манзил дошта бошад).

Ба аспирантон пас аз хатми шӯъбаи рӯзонаи аспирантура таътили якмоҳа дода мешавад, агар онҳо нақшаи инфиродии илмии худро пурра иҷро карда бошанд.

Таҳсил дар аспирантураи рӯзона ба собиқаи кории илмӣ ва илмию омӯзгории онҳо дохил карда мешавад.

Мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шахсони дар аспирантура таҳсилкунанда кафолати иҷтимоӣ ва имтиёзҳо дода мешавад.

## 4. УНВОНҶӮЁН

Тайёр намудани кадрҳои илмӣ ва илмию педагогӣ бо роҳи унвонҷӯйӣ (кори мустақилона аз болои рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ) яке аз беҳтарин усули тайёр намудани кадрҳои илмӣ ва илмию педагогии тахассуси олӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ мебошад.

Унвонҷӯёне, ки аз болои рисолаи номзадӣ мустақилона кор мекунанд, бояд ҳатман дипломи таҳсилоти олии касбӣ ва унвонҷӯёне, ки аз болои рисолаи докторӣ кор мекунанд дипломи номзади илмро дошта бошад.

Барои қабул шудан ба сифати унвонҷӯӣ ба мудири аспирантура (докторантура)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

- ариза ба номи ректори муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ;
- варақаи шахсии аз тарафи шӯъбаи кадрҳои ҷои кори асосӣ тасдиқгардида;
- тавсиянома аз ҷои кори асосӣ;
- номи мавзӯи илмӣ, якҷоя бо нақшаи васеи корӣ;
- диплом оид ба хатми муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (барои шахсоне, ки ба таври унвонҷӯӣ аз болои рисолаи докторӣ кор мебаранд – дипломи номзади илм ва аттестати дотсентиро низ пешниҳод менамоянд);
- маълумотнома оид ба супоридани имтиҳонҳои минимуми номзадӣ (барои шахсоне, ки аз болои рисолаҳои номзадӣ кор мебаранд).

Унвонҷӯён барои супоридани имтиҳонҳои минимуми номзадӣ ва тайёр намудани рисола барои гирифтани дараҷаи номзади илм ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимие, ки аз рӯи ин ихтисос аспирантура доранд ва дорои заминаи хуби илмӣ ва кадрҳои баландихтисос мебошанд, вобаста карда мешаванд.

Унвонҷӯён 2 сол барои супоридани имтиҳонҳои минимуми номзадӣ ва 3 сол барои тайёр намудани рисолаи номзадӣ (рисолаи докторӣ) ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ вобаста карда мешаванд. Мӯҳлати умумии вобастагӣ барои тайёр намудани рисолаи номзадӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ бояд аз 5 сол зиёд набошад.

Унвонҷӯён дар як вақт ба ду ва ё якчанд муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ вобаста шуда наметавонанд.

Шахсоне, ки пурра курси таълимии аспирантураро гузаштаанд ва ё мӯҳлати унвонҷӯиро пурра истифода намудаанд, такроран ҳуқуқи вобастагӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро надоранд.

Шахсоне, ки мӯҳлати унвонҷӯийиро пурра истифода накарданд, аз ҳисоби мӯҳлати боқимонда ҳуқуқи ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ вобаста шуданро доранд.

Ректори муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ дар асоси натиҷаи мусоҳибаи унвонҷӯй бо роҳбари илмии ояндаи ӯ ва пешниҳоди кафедра дар бораи вобаста намудани унвонҷӯй ва тасдиқ намудани роҳбари илмӣ фармон мебарорад. Агар уновнҷӯй барои супоридани имтиҳонҳои минимуми номзадӣ вобаста карда шавад, роҳбари илмӣ тасдиқ карда намешавад.

Унвонҷӯй дар мӯҳлати 2 моҳ ба кафедра нақшаи кории худро бо роҳбари илмии худ мувофиқа намуда, барои тасдиқ пешниҳод менамояд.

Нақшаи корӣ ва мавзӯи рисолаи унвонҷӯй аввал дар маҷлиси кафедра, баъдан дар Шӯроҳои олимони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ тасдиқ карда мешавад.

Унвонҷӯёне, ки нақшаи кории солонаи худро иҷро карда натавонистаанд, аз вазифаи унвонҷӯйӣ хориҷ карда мешаванд.

Унвонҷӯён аз китобхона, лаборатория, ҳуҷраҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро ройгон истифода карда метавонанд.

Унвонҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ вобасташуда ҳуқуқи имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанҳои фалсафа, забони хориҷӣ ва ихтисос супоридан доранд. Агар муассисаи вобасташуда ҳуқуқи қабули имтиҳонҳоро надошта бошад, дар он сурат ба унвонҷӯй барои супоридани имтиҳонҳо ба дигар муассисаҳое, ки аспирантура доранд ва ҳуқуқи қабул намудани ин имтиҳонҳоро доранд, иҷозат дода мешавад.

Музди меҳнати роҳбарони илмии унвонҷӯйҳо аз рӯи 25 соат дар як сол (барои роҳбарии як унвонҷӯй) аз ҳисоби буҷаи давлатӣ ё даромади ғайрибуҷавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ пардохта мешавад.

Унвонҷӯёне, ки барои навиштани рисолаи доктори илм кор мекунанд ва аз рӯи прблемаҳои рӯзмарраи иҷтимоию иқтисодӣ ё самтҳои бартариноки тадқиқоти илмии бунёдӣ ба натиҷаҳои назаррас комёб шудаанд, метавонанд ба вазифаҳои кормандони илмӣ ба мӯҳлати то ду сол барои таҳияи рисолаи дараҷаи илмии доктори илм гузаронида шаванд. Ба унвонҷӯёни ба вазифаи кормандони илмӣ гузаронидашуда

маоши вазифаи пештараи онҳоро нигоҳ дошта, ҳуқуқи ба ҷои пештараи корашон гузаштан дода мешавад.

Барои анҷоми рисолаи илмии дараҷаи илмии номзади илм ё доктори илм ба кормандони корхонаҳо, муассисаю ташкилотҳо аз ҷои корашон ба мӯҳлати баробар бо се ва шаш моҳ бо нигоҳ доштани музди кор рухсатии эҷодӣ дода мешавад.

## 4. ХОДИМИ ИЛМӢ

Устодони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ – номзадҳои илм, дотсентон, ки дар корҳои илмию тадқиқотиашон ба муваффақияҳои бузург ноил гаштанд ва синнашон аз 50-сола зиёд нест, ба мӯҳлати 2 сол ба вазифаи ходимони илмӣ, номзади илм (муаллим, муаллими калон) – ба сифати ходими хурди илмӣ ва номзади илм (дотсент) ба сифати ходими калони илмӣ барои тайёр намудани рисолаҳои докторӣ гузаронида мешаванд.

Номзадҳои илм, дотсентон, ки барои гузаштан ба вазифаи ходимони илмӣ талабгор ҳастанд, ба номи ректори муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ аризаро навишта, ба он нақшаи васеи рисолаи докторӣ, муддати иҷрои он ва рӯйхати корҳои чопии илмиашонро илова менамоянд.

Ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ дар асоси қарори кафедраи дахлдор ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодкардаи номзадҳо (баъд аз тасдиқ дар Шӯрои олимон) барои гузаронидани онҳо ба вазифаи ходими калони илмӣ ё хурди илмӣ, барои тайёр намудани рисолаи докторӣ фармон мебароранд.

Устодон-номзадони илме, ки ба вазифаи ходими илмӣ гузаштанд, аз корҳои педагогӣ озод карда мешаванд.

Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, ки розигии худро ба таъин кардани ходими илмӣ доранд, онҳо ба ин вазифа машваратчии илмиро таъин менамоянд ва тамоми хароҷоти корҳои илмию тадқиқотиро ба зимма мегиранд.

Корҳои таълимии устодоне, ки ба вазифаи ходими илмӣ гузаштаанд, онро дар асоси шартнома метавонанд дигар устодон иҷро намоянд.

Маоши номзадҳои илмие, ки ба вазифаи ходимони илмӣ гузаштанд, дар доираи музди меҳнати муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ (вазифаи асосӣ) муайян карда мешавад.

Номзади илм (муаллими калон, дотсент) дар мӯҳлати дар вазифаи ходими илмӣ кор кардан бояд рисолаи доктории худро ба итмом расонад.

Ходимони илмӣ ҳар сол ба Шӯрои олимони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ оид ба иҷрои корҳои илмию тадқиқотии худ ҳисобот пешниҳод менамоянд ва аз натиҷаи он Шӯрои олимон қарори дахлдор қабул мекунад.

Ходими илмие, ки пеш аз мӯҳлат ба кори педагогӣ даъват карда шудааст, ба вазифаи пешина барқарор карда мешавад.

Ходими илмӣ ҳуқуқи дар дигар вазифа (0,5 воҳиди корӣ) кор кардан дорад, агар нақшаи рисолаи доктириро дар вақташ иҷро намояд.

Ходимони илмӣ ҳуқуқи ба докторантура дохил шудан ва истифода кардани рухсатии эҷодиро барои ба итмом расонидани рисолаи докторӣ надоранд.

Ба ходимони илмӣ ҳуқуқи ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ баргаштан ва ба кори пештара шурӯъ кардан нигоҳ дошта мешавад.

Ба ходимони илмие, ки барои иҷро намудани корҳои илмию тадқиқотӣ ба дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ё муассисаҳои илмӣ фиристода шудаанд, маоши онҳо аз рӯи тартиби муайяншуда аз ҷои кори асосӣ пардохта мешавад.

Бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 августи соли 2005 № 21/5 тасдиқ карда шудааст

# НИЗОМНОМАИ

## тартиби додани унвонҳои илмӣ ба кормандони илмию омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва маусcисаҳои касбии баъд аз муассисаи олии таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон

### 1.Қоидаҳои умумӣ

1.1. Низомномаи мазкур тартиби додани унвонҳои профессори кафедра, дотсенти кафедраро муқаррар менамояд.

1.2. Унвонҳои илмии профессори кафедра, дотсенти кафедра мувофиқи ҳуҷҷатҳои меъёрии аттестатсионии Вазорати морифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илмӣ Федаратсияи Россия ба кормандони илмию омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои касбии баъд аз муассисаи олии таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сурате дода мешавад, ки агар онҳо аз аккредитатсияи давлатӣ гузашта бошанд.

1.3. Шӯрои олимони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои касбии баъд аз муассисаи олии таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аккредитатсияи Вазорати маориф ва илмӣ Федератсияи Россияро доранд, ҳуҷҷатҳои аттестатсионии довталабони унвонҳои илмии профессори кафедра ва дотсенти кафедраро ба мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуда метавонанд. Ҳуҷҷатҳои аттестатсионӣ аз тарафи котиби Шӯрои олимон дар мӯҳлати ду ҳафтаи баъди қабули қарори Шӯрои олимон дар бораи додани унвони илмӣ ба тартиб дароварда, ба мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳои пешниҳодшударо дида мебарояд дар сурати ба Низомномаи мазкур мувофиқат кардани онҳо ба ҷаласаи мушовара пешбарӣ менамояд.

Ҳуҷҷатҳое, ки аз тарафи мушовара дастгирӣ ёфтаанд, бо мактуби Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо имзои Вазир ё ки муовини

аввали Вазир) ба унвони Вазорати маориф ва илмӣ Федератсияи Россия ирсол мегарданд (имзои вазир ва ё муовини аввали вазир бо мӯҳри вазорат тасдиқ карда мешавад).

Ҳуҷҷатҳои ба талабот мувофиқ набуда, бо мактуби расмӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ пас гардонида мешаванд.

1.4. Шахсоне, ки барои гирифтани унвонҳои профессори кафедра ё дотсенти кафедра аз аттестатсия гузаштанд, намунаи аттестати ягонаи давлатии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия дода мешавад.

Номгӯи ҳуҷҷатҳои аттестатсионии ба Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия фиристодашаванда

(ҳамаи ҳуҷҷатҳо ба забони русӣ пешниҳод карда мешаванд)

мактуби муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаи касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ба унвони Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати баррасии ҳуҷҷат дар мушовара (бо забони тоҷикӣ);

мактуби муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаи касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ба унвони Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия оид ба пешниҳоди ҳуҷҷатҳо барои аттестатсия бо имзои роҳбари аввал бо нишон додани маълумоти зарурии иҷрокунанда (суроға, ному насаби котиби Шӯрои олимон, рақами телефон);

маълумотнома (справка) дар бораи пешниҳоди унвонҷӯй ду нусха (ҳар ду нусха бояд имзои ректор ва мӯҳри муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаи касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро дошта бошад);

варақаи шахсӣ бо расми унвонҷӯй (бо тасдиқи шӯъбаи кадрҳо);

протоколи ҷаласаи комиссияи ҳисоботӣ оид ба натиҷаҳои овоздиҳӣ (нусхаи асл);

нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ, ки собиқаи омӯзгории унвонҷӯйро тасдиқ менамояд (бо тасдиқи шӯъбаи кадрҳои муассиса);

номгӯи корҳои илмӣ ва илмию методӣ (имзои унвонҷӯй, мудири кафедра ё роҳбари муассисаи таълимӣ ва котиби илмӣ бо мӯҳр тасдиқ карда мешавад);

нусхаи ҳуҷҷатҳо оид ба таҳсилоти олӣ, дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ;

нусхаи фармонҳо дар бораи фаъолияти омӯзгорӣ бо нишон додани масруфият (барои шахсони ҳамкор);

варақаи бақайдгирии унвонҷӯй (бо рияи талабот);

чор нусха варақаи (карточкаи почтагӣ) марка часпонидашуда 2-тои он бо нишон додани суроғаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва ё муассисаи касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ва 2-тои дигараш бо нишон додани суроғаи унвонҷӯй;

руйхати номзад ва ё докторони илме, ки унвонҷӯй роҳбари илмии онҳо буд (бо нишон додани номи рисолаи номзадӣ ва ё докторӣ ҷой ва соли дифои рисола ва вақти тасдиқи он)

шарҳи мухтасари (анотатсияи) корҳои илмӣ ва илмию методии дар се соли охир бо забони тоҷикӣ ё узбекӣ нашршуда (фишурда бо забони русӣ тартиб дода мешавад), ки бояд мазмуни на камтар аз 20 фоизи ҳаҷми кори илмӣ ё методиро дар бар гирад;

мундариҷаи ҳуҷҷатҳои пешниҳодгашта.

Эзоҳ:

Дар мавридҳои зарурӣ чунин ҳуҷатҳои иловагӣ низ талаб карда мешаванд:

нусхаи асли автореферати шогирдон ва нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи дастовардҳои эҷодӣ, варзишӣ;

Вазорати морифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илмӣ Федератсияи Россия метавонанд дар мавридҳои зарурӣ ҳуҷҷатҳои дигарро низ аз унвонҷӯйҳо талаб намоянд.

## 2.Тартиби додани унвонҳои илмӣ

2.1. Унвони илмии профессори кафедра ба докторони илме дода мешавад, ки мувофиқи шартномаи меҳнатӣ вазифаи профессор, мудири кафедра, декани факулта, роҳбари филиал, проректор, ректори муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро иҷро менамоянд, корҳои илмӣ ва таълимию-методии дар маҷаллаҳои бонуфузи илмии ватанӣ ва хориҷӣ нашршуда доранд, курси лексияҳоро бо дараҷаи баланди касбӣ гузаронида метавонанд, инчунин дар давраи пешниҳоди ҳуҷҷатҳои аттестатсионии онҳо:

а) дар давоми як сол дар вазифаҳои мазкур бомуваффақият кор кардаанд;

б) собиқаи кории илмию омӯзгориашон на камтар аз 10 сол буда, 5 соли охир дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ кор мекунанд;

в) муаллифи (ҳаммуаллифи) монографияҳо (бобҳои монографияҳо) ё на камтар аз се кори таълимӣ- методие мебошанд, ки дар се соли охир дар маҷалаҳои бонуфузи илмии ватанӣ ва хориҷӣ нашр шудаанд;

г) муаллифи (ҳаммуаллифи) монографияҳо (бобҳои монографияҳо) ё на камтар аз се кори илмие мебошанд, ки дар се соли охир дар маҷалаҳои бонуфузи илмии ватанӣ ва хориҷӣ нашр шудаанд;

д) чун қоида таҳти роҳбарии онҳо на камтар аз ду нафар унвонҷӯй, ё аспирант рисолаи номзадӣ ва ё докторӣ дифоъ намуда, тасдиқ (диплом) гирифтаанд.

2.2. Унвони илмии профессори кафедраро ба он кормандони (ходимони) санъат низ додан мумкин аст, ки мувофиқи шартномаи меҳнатӣ вазифаи профессор, мудири кафедра, декани факулта, роҳбари филиал, проректор, ректори муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро иҷро менамоянд, машғулиятҳоро ба дараҷаи баланди касбӣ мегузаронанд, инчунин дар давраи пешниҳоди ҳуҷҷатҳои аттестатсионии онҳо:

а) барандаи унвонҳои фахрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ё собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ (артисти халқӣ, рассоми халқӣ, меъмори халқӣ, арбоби хизматнишондодаи санъат, артисти хизматнишондода, меъмори хизматнишондода) бошанд;

дар давоми як сол дар вазифаҳои зикршуда бо муваффақият кор мекунанд;

собиқаи кории омӯзгориашон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ на камтар аз 10 солро ташкил диҳад:

дорандаи унвони илмии дотсенти кафедра бошанд;

на камтар аз ду шогирде тайёр карда бошанд, ки соҳиби унвонҳои фахрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ё лауреатҳои (дипломатҳои) намоишгоҳҳои байналхалқӣ ва умумиҷумҳуриявӣ, озмунҳо, фестивалҳо ва мукофотҳо бошанд;

б) лауреатҳои (дипломатҳои) байналхалқӣ ё ин намоишгоҳҳои умумиҷумҳуриявӣ, озмунҳо, фестивалҳо ва мукофотҳо бошанд;

дар давоми ду сол дар вазифаҳои нишондода бомуваффақият кор мекунанд;

собиқаи кории омӯзгориашон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, на камтар аз 10 сол бошад;

на камтар аз панҷ шогирде тайёр карда бошанд, ки соҳиби унвонҳои фахрии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё лауреатҳои (дипломатҳои) байналхалқӣ, умумиҷумҳуриявӣ ва фестивалу намоишҳои минтақавӣ, озмунҳо ва мукофотҳо бошанд.

2.3. Унвони илмии профессори кафедраро ба мутахассисони соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш низ додан мумкин аст, ки ин мувофиқи шартномаи меҳнатӣ вазифаи профессор, мудири кафедра, декани факулта, роҳбари филиал, проректор, ректори муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳи касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро иҷро мекунанд, корҳои таълимию методӣ ва илмии дар маҷалаҳои бонуфузи илмии ватанӣ ва хориҷӣ нашршуда доранд, курси лексияро хуб мехонанд ва машғулиятҳоро ба дараҷаи баланди касбӣ мегузаронанд, инчунин дар давраи пешниҳоди ҳуҷҷатҳои аттестатсионӣ онҳо:

а) дорандагони унвонҳои фахрии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ бошанд;

б) дар давоми як сол дар вазифаҳои зикршуда бомуваффақият кор мекунанд;

в) собиқаи кории илмӣ ва омӯзгориашон на камтар аз 10 сол буда, на катар аз 5 соли он дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ бошад;

г) дорандаи унвони илмии дотсенти кафедра бошанд;

д) муаллифи (ҳаммуаллифи) китоби дарсӣ (воситаи таълим) барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ё муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ буда, ин мавод аз тарафи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти иҷроияи ҳукуматҳо барои дар соҳаи маориф истифода кардан пешбарӣ шуда, дар давоми 10 соли охир ба нашр расида бошад, инчунин на камтар аз се кори илмию методиашон дар давоми се соли охир дар маҷалаҳои бонуфузи илмии ватанӣ ва хориҷӣ нашр шуда бошад, ё на камтар аз ду чемпион ё дорандаи мукофотҳои бозиҳои олимпӣ, Ҷаҳон, Аврупо ё Ҷумҳурии Тоҷикистонро тайёр карда бошанд;

е) муаллифи (ҳаммуаллифи) монографияҳо (бобҳои монографияҳо) ё на камтар аз се кори илмии дар давоми се соли охир дар маҷалаҳои бонуфузи илмии ватанӣ ва хориҷӣ нашр шуда бошанд.

2.4. Унвони илмии дотсенти кафедраро ба докторон ва номзадҳои илме додан мумкин аст, ки мувофиқи шартномаи меҳнатӣ вазифаҳои дотсентӣ, профессорӣ, мудири кафедра, декани факулта, роҳбари филиал, проректор, ректори муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро иҷро мекунанд ва корҳои таълимию методӣ ва илмии дар маҷаллаҳои бонуфузи ватанӣ ва хориҷӣ нашршуда доранд, курсҳои лексияҳоро ба дараҷаи баланди касбӣ мехонанд, инчунин дар давраи пешниҳоди ҳуҷҷатҳои аттестатсионӣ онҳо:

а) дар давоми як сол дар вазифаи нишондодашуда бо муваффақият кор мекунанд;

б) собиқаи кории илмӣ ва омӯзгориашон на камтар аз панҷ солро ташкил дода, на камтар аз се соли охир дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ кор мекунанд;

в) муаллиф (ҳаммуаллиф)- и монография (бобҳо аз монография) ё на камтар аз ду кори илмӣ ва ду кори таълимию методии дар се соли охир дар маҷаллаҳои бонуфузӣ ватанӣ ва хориҷӣ нашршуда бошанд;

2.5. Унвони илмии дотсенти кафедра ба он кормандони санъат дода мешавад, ки мувофиқи шартномаи меҳнатӣ вазифаҳои дотсент, профессор, мудири кафедра, декани факулта, роҳбари филиал, проректор, ректори муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро иҷро мекунанд, агар шахсони номбурда машғулиятҳоро дар сатҳи баланди касбӣ гузаронида, инчунин дар давраи пешниҳоди ҳуҷҷатҳои аттестатсионӣ онҳо:

а) дорандаи унвонҳои фахрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, собиқ Иттиҳодӣ Шӯравӣ (артисти халқӣ, рассоми халқӣ, меъмори халқӣ, арбоби хизматнишондодаи санъат, артисти хизматнишондода, рассоми хизматнишондода, меъмори хизматнишондода) бошанд:

дар давоми як сол дар вазифаҳои зикршуда бомуваффақият кор мекунанд;

собиқаи кори омӯзгорашон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ на камтар аз се солро ташкил диҳад;

на камтар аз ду шогирде тайёр кардаанд, ки соҳиби унвонҳои фахрии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё лауреатҳои (дипломатҳои) фестивалу намоишгоҳҳо, озмунҳо, мукофотҳои байналхалқӣ ва умумиҷумҳуриявӣ шуда бошанд;

б)лауреатҳои (дипломантҳои) фестивалу намоишгоҳҳо, озмунҳо, мукофотҳои байналхалқӣ ё умумиҷумҳуриявӣ бошанд;

дар давоми ду сол дар вазифаҳои нишондодашуда бо муваффақият кор мекунанд:

собиқаи кори омӯзгориашон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ на камтар аз панҷ сол бошад;

на камтар аз 4 шогирде тайёр карда бошанд, ки соҳиби унвонҳои фахрии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё лауреатҳои (дипломантҳои) фестивалу намоишгоҳҳо, озмунҳо, мукофотҳои байналхалқӣ ва умумиҷумҳуриявӣ гаштаанд;

2.6. Унвони илмии дотсенти кафедраро ба он мутахассисони тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш додан мумкин аст, ки мувофиқи шартномаи меҳнатӣ, вазифаҳои дотсент, профессор, мудири кафедра, декани факулта, роҳбари филиал, проректор, ректори муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро иҷро мекунанд, корҳои таълимию методӣ ва илмӣ дошта, курси лексияҳоро ва ё машғулиятҳоро дар сатҳи баланди касбӣ мегузаронанд, инчунин дар давраи пешниҳоди ҳуҷҷатҳои аттестатсионӣ онҳо:

а) дорандаи унвонҳои фахрии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё ки собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ бошанд;

дар давоми як сол дар вазифаҳои зикршуда бо муваффақият кор мекунанд;

собиқаи кории омӯзгориашон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ на камтар аз 3 солро ташкил мекунад;

муаллифи (ҳаммуаллифи) китоби дарсии (воситаи таълимии) дар се соли охир нашр шуда бошанд ё якчанд нафар чемпион ё дорандаи мукофоти мусобиқаҳои олимпӣ, ҷаҳон, Аврупо ё Ҷумҳурии Тоҷикистонро тайёр карда бошанд;

муаллифи (ҳаммуаллифи) монографияҳо (бобҳои монографияҳо) ё ду кори илмии дар се соли охир дар маҷаллаҳои бонуфузи ватанӣ ва хориҷӣ нашршуда бошанд;

б) дорандаи унвони Устоди хизматнишондодаи варзиш, Устоди варзиши дараҷаи байналхалқӣ ё Устоди варзиши Тоҷикистон ё собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ё собиқ Ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ бошанд;

дар давоми ду сол дар вазифаҳои зикршуда бомуваффақият кор мекунанд;

собиқаи кории омӯзгориашон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ на кмтар аз 5 солро ташкил диҳад;

муаллифи (ҳаммуаллифи) китоби дарсӣ (воситаи таълимӣ) барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, мактабҳои таҳсилоти умумӣ, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ бошанд, маводи онҳоро Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти иҷроияи ҷумҳурӣ ё иттиҳодияҳои таълимию методӣ барои истифода бурдан дар соҳаи маориф пешниҳод карда бошанд, ин мавод дар панҷ соли охир нашр шуда бошад, инчунин на камтар аз ду кори таълимию методиашон дар се соли охир дар маҷаллаҳои бонуфузи ватанӣ ва хориҷӣ нашр шуда бошад;

муаллифи (ҳаммуаллифи) монографияҳо (бобҳои монографияҳо) ё на камтар аз ду кори илмии дар се соли охир дар маҷаллаҳои бонуфузӣ ватанӣ ва хориҷӣ нашр шуда бошанд.

2.7. Унвони илмии дотсенти кафедраро ба шахсоне додан мумкин аст, ки феълан дар докторантура таҳсил карда, пештар корҳои омӯзгориро ба дараҷаи баланд мегузаронидаанд ва нишондодҳояшон ба талаботи банди 2.4. (барои дотсентӣ) Низомномаи мазкур мувофиқат кунад.

2.8. Унвони илмии профессори кафедра ва дотсенти кафедра ба шахсоне низ дода мешавад, ки ба тариқи ҳамкор дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаи касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ кор мекнуанд ва нишондодҳояшон ба талаботи банди 2.1.-2.3. (барои прфессорӣ) ва 2.4. – 2.6. (барои дотсентӣ) Низомномаи мазкур мувофиқат мекунад.

2.9. Шӯрои олимони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ пешниҳоди додани унвонҳои илмиро пас аз овоздиҳии махфӣ муқаррар сохта, қарор қабул менамояд.

Ҷаласаи Шӯрои олимон ҳамон вақт доир мегардад, ки агар дар он на камтар аз се ду ҳиссаи ҳайати шӯрои олимон иштирок дошта бошад. Қарори шӯрои олимон оид ба масъалаи додани унвонҳои илмӣ он вақт мусбат ҳисобида мешавад, ки агар дар он на камтар аз се ду ҳиссаи аъзои шӯрои олимон аз шумораи умумии аъзои дар шӯро иштирок дошта, овоз дода бошанд;

2.10. Шакл ва тартиби ҳуҷҷатҳои аттестатсионии барои додани унвоҳои илмӣ пешниҳодшаванда, аз тарафи Вазорати маорифи

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илмӣ Федератсияи Россия муқаррар карда мешаванд.

3. Эътироф ва муқаррар намудани баробарэътибории ҳуҷҷатҳо оид ба додани унвонҳои илмӣ. Аз нав аттестатсия кардани кормандони илмию омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ

3.1. Эътироф ва муқаррар намудани баробарэътибории ҳуҷҷатҳо оид ба додани унвонҳои илмӣ ба кормандони илмию омӯзгории Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи шартномаи байни Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илмӣ Федератсияи Россия сурат мегирад. Ин корро бо дархости ташкилоте, ки унвонҷӯ дар он ҷо кор мекунад ё бо аризаи шахсии ӯ Комиссияи аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузаронад. Номгӯи зарурии ҳуҷҷатҳо ва тартиби дида баромадани онҳоро Комиссияи аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

3.2. Аз нав аттестатсия кардани кормандони илмӣ-омӯзгорӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки онҳо дараҷаҳои илмии доктори илм ва номзади илмро аз дигар давлатҳо гирифтаанд (ба ғайр аз Федератсияи Россия) эътироф намудани ҳуҷҷатҳои онҳоро Комиссияи аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

3.2.1. Варақаи нострификатсионие, ки Комиссияи аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон медиҳад фақат (дараҷаи доктори илм ва номзади илм) барои кор кардан дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибор дорад.

3.2.2. Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гирифтани унвонҳои илмии профессори кафедра ва дотсенти кафедра шахсонеро аз мушовара мегузаронад, ки дипломи дараҷаҳои илмии онҳо (доктор ва номзади илм) аз тарафи Вазорати маориф ва илмӣ Федератсияи Россия эътироф (аттестатсия) карда шудааст.

3.3. Унвонҳои илмии профессори кафедра ва дотсенти кафедраро ба он шаҳрвандони давлатҳои хориҷӣ низ додан мумкин аст, ки барои тадқиқи корҳои илмӣ-омӯзгорӣ ва илмӣ ба муддати дуру дароз ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ (мувофиқи созишнома) даъват шуда ва ҳуҷҷатҳои аттестатсионии пешниҳодгашта ба талаботи Низомномаи мазкур мувофиқ аст.

## 4. Тартиби додани аттестатҳои профессорӣ ва дотсентӣ

4.1.Қарори Вазорати маориф ва илми Федератсияи Руссия оид ба додани унвони илмии профессори кафедра ё дотсенти кафедра ба кормандони илмию омӯзгории муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзи қабули он амалӣ мегардад.

4.2. Мӯҳлати баррасии ҳуҷҷатҳои аттестатсионии унвонҷуйҳои дорандаи дараҷаи илмӣ бояд аз шаш моҳ зиёд набошад.

4.3. Дар мавриди гум кардани аттестат оид ба унвонҳои илмӣ нусхаи дуюми онро додан мумкин аст.

Дар ҳолати тағйир додани номи хонаводагӣ, ном ва номи падар бо талаби соҳиби аттестат (аз ҳисоби маблағи соҳиби аттестат) аттестати дигар додан мумкин аст.

4.4. Тартиби додани аттестат ва дубликати он, тағйир додани ному насаб аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия муқаррар карда мешавад.

## 5. Маҳрум кардан аз унвонҳои илмӣ ва аз нав барқарор кардани онҳо

5.1. Агар ба ин ё он шахс унвонҳои илмии профессори кафедра ё дотсенти кафедра саҳван дода шуда бошад, бо пешниҳоди шӯрои олимон, мушовараҳои Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия метавонад онҳоро аз унвонҳо маҳрум созад.

Қарори мушовараи Вазорати маориф ва илмӣ Федератсияи Россия оид ба маҳрум кардан аз унвонҳои илмӣ чун қоида дар асоси дархости шӯрои олимони ин унвонро дода ва пешниҳоди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешавад.

Вазорати маориф ва илмӣ Федератсияи Россия чун қоида, дар асоси дархости шӯрои олимон ва пешниҳоди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, унвонҳои илмии (дотсент ва профессории) ашхоси аз ин унвонҳо маҳрумшударо метавонад аз нав барқарор кунад.

5.2. Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ пешниҳоди додани унвонҳои илмиро пас аз овоздиҳии махфӣ қабул менамоянд.

Ҷаласаи шӯрои олимон вақте доир мегардад, ки агар дар он на камтар аз се ду ҳиссаи ҳайати шӯрои олимон иштирок дошта бошад. Қарори шӯрои олимон оид ба масъалаи додани унвонҳои илмӣ (маҳрум намудан аз унвони илмӣ ва барқарор намудани унвони илмӣ) вақте мусбат ҳисобида мешавад, ки дар он на камтар аз се ду ҳиссаи аъзои шӯрои олимон (аз шумораи умумии аъзои дар шӯро иштирок дошта) овоз дода бошанд.

Масъалаи асосонок будан ва набудани қарори шӯрои олимон дар бораи додани унвонҳои илмӣ, ки зиёда аз даҳ сол пештар қабул шудаанд, баррасӣ намешаванд.

5.3. Тартиби баррасии масъалаҳо оид ба маҳрум кардан (аз нав барқарор кардан) аз унвонҳои илмии профессори кафедра ва дотсенти кафедра аз ҷониби Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илмӣ Федератсияи Россия муқаррар карда мешавад.

## 6. Баррасии шикоятҳо

6.1. Шикоятҳо аз болои қарори Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ва Комиссияи Олии аттестатсионии (ВАК)-и Вазорати маориф ва илмӣ Федератсияи Россия оид ба додан, маҳрум намудан, аз нав барқарор кардани унвонҳои илмӣ ба кормандонӣ илмию омӯзгорӣ аз нав аттестатсия кардани онҳо ба Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ё ба Комиссияи олии аттестатсионии (ВАК-и) Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия дар муддати на камтар аз ду моҳи баъди қабули қарори мазкур равона карда мешавад.

Дархости навро оид ба додани унвонӣ илмӣ аз ҷониби шӯрои олимон муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ва пешниҳоди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон на пештар аз як соли пас аз қабули қарор оид ба рад кардани додани ин унвон мумкин аст.

Шарти ҳатмии такроран пешниҳод кардани дархост оид ба додани унвонҳои илмии профессори кафедра тайёр намудани шогирдони нав ё корҳои илмии нави нашршудаи унвонҷӯйҳо мебошад.

Шарти ҳатмии такроран пешниҳод кардани дархост оид ба додани унвони илмии дотсенти кафедра мавҷудияти корҳои нави илмӣ ва таълимӣ-методии нашршуда мебошад.

6.2. Тартиби баррасии апеллятсияҳоро Вазорати маориф ва илмӣ Федератсияи Россия муқаррар менамояд.

6.3. Масъалаҳо дар бораи додан ва маҳрум намудани (аз нав барқарор кардани) унвонҳои илмӣ дар нашрияҳои Вазорати маориф ва илмӣ Федератсияи Россия ва Комиссияи Олии аттестатсионии (ВАК-и) Вазорати маориф ва илмӣ Федератсияи Россия нашр карда мешаванд.